آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

16 июли соли 2022 Шанбе № 56 (14861)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Туркманистон барои мо шарики боэътимод ва калидӣ дар минтақа аст. Мо ҷонибдори рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҳамаҷониба ҳастем, ният дорем, ки шарикии стратегиро бо ҳамсояи наздикамон аз ҳар ҷиҳат таҳким бахшем.

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти
Ҷумҳурии Ӯзбекистон

МАРҲАЛАИ МУҲИМИ МУСТАҲКАМ ГАРДИДАНИ РИШТАҲОИ ДӮСТИИ БАЙНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТУРКМАНИСТОН

Бинобар даъвати Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 14-15 июл бо ташрифи давлатӣ Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов ба мамлакатамон боздид ба амал овард.

Зимни гуфтугӯҳо дар Тошканд Шавкат Мирзиёев ва Сардор Бердимуҳамедов Изҳороти муштаракро ба имзо расонданд, ки дар он қарордодҳои асосӣ таъйид гардида, вазифаҳои дарозмуддат доир ба минбаъд вусъат додани ҳамкории бисёрҷанба ва шарикии стратегии байни ду мамлакат муайян карда шуданд.

Дар ҳузури сарони давлатҳо инчунин ба имзо расондани қарордодҳо аз ҷониби роҳбарони вазорат ва идораҳои ду мамлакат ба вуқӯъ пайваст. Ҳамагӣ 19 ҳуҷҷат имзо гардид.

Боварибахш аст, ки гуфтугӯҳои самимӣ ва дӯстона, ҳуҷҷатҳое, ки байни Ӯзбекистон ва Туркманистон ба имзо расиданд, чандин самти ҳамкории истиқболнокро фаро гирифта, барои минбаъд мустаҳкам гардидани шарикии амалӣ мусоидат менамоянд.

Дар маҷмӯъ ташрифи давлатии Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов ба Ӯзбекистон бинобар фарогирии васеи мавзӯъҳо ва аҳамияти қарордодҳои имзогардида рӯйдоди муҳиме гардид, ки дар муносибати дуҷониба саҳифаи навро боз намуд.

Рӯзи дуюми ташриф мулоқоти Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева бо Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов, ки ба мамлакатамон бо ташрифи давлатӣ омадааст, баргузор гардид.

Зимни гуфтугӯ таъкид шуд, ки мулоқоти байнипорлумонӣ қисми муҳими мустаҳкам гардидани ҳамкории ҳамаҷониба ва шарикии стратегии байни мамлакатҳоямон гардид. Фаъолияти гурӯҳҳои байнипорлумонии дӯстӣ махсус таъкид гардид, ки дар назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Миллий Генгеши Туркманистон ташкил гаштаанд.

Пас аз он Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов ба Самарқанд омад.

Дар аэропорти байналхалқии Самарқанд ӯро Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев пешвоз гирифт.

Ташрифи Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов ба Самарқанд аз боздиди мақбараи Ислом Каримов шурӯъ гардид. Якҷоя бо роҳбари давлатамон ӯ ба қабри Нахустин Президенти мамлакатамон гул гузошт. Аз Қуръон оёт ва дуо қироат гардид.

Ин ифодаи эҳтиром ва муносибати бародарона ба халқамон гардид.

Меҳмononи туркманистонӣ аз маҷмӯи музейи Мирзо Улуғбек боздид намуданд.

Маҷмӯъ дар шафати расадхонаи олими бузург ташкил гардида, аз ду толор ва шаш қисм иборат аст. Дар он беш аз сад ашё, китоб, дастнавис, нусхаи асли квадрант гузошта шудааст, ки ба замони Мирзо Улуғбек мутааллиқанд.

Расадхонаи нодир ва мероси илмии ниёи бузургамон дар меҳмонон таассуроти бузург гузошт.

Пас аз он президентони Ӯзбекистон ва Туркманистон аз мақбараи Амир Темур боздид намуданд. Аз Қуръон ба рӯҳи ҳукмдори бузург сура қироат гардид.

Ба меҳмонон дар бораи ҳаёт, истеъдоди ҳарбӣ ва давлати бузурги Соҳибқирон нақл карда шуд. Тавре ки маълум аст, Амир Темур ба рушди илм, маданият, тиҷорат ва ҳунармандӣ дар давлати худ ҳомигӣ намуда, дар замони ҳукмронии ӯ бисёр иншооти бузург бунёд гаштааст. Дар мамлакатҳои имрӯзаи Осиёи Марказӣ мероси Соҳибқиронро эҳтиёткорона ҳифз менамоянд.

Роҳбарони давлатҳо аз ансамбли Регистон боздид карданд.

Ба меҳмонон дар бораи таърихи се ёдгории меъмории боҳашамат – мадрасаҳои Мирзо Улуғбек, Шердор ва Тиллокорӣ маълумот дода шуд. Аньанаҳои меъмории мардумамон, ороиши мадраса ва муҳтавои нигорандагии онҳо дар ҳайати Туркманистон таваҷҷуҳи зиёд бедор намуд.

Дар ин ҷо Шавкат Мирзиёев ва Сардор Бердимуҳамедов барои хотира акс гирифтанд.

Бо ҳамин ташрифи давлатии Президенти Туркманистон ба Ӯзбекистон ба поён расид.

ЎзА.

Сурати Ҳидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ПРЕЗИДЕНТ БО КОРҲОИ СОЗАНДАГИИ САМАРҚАНД ШИНОС ГАРДИД

Президент Шавкат Мирзиёев 15 июл аз мақбараи Имом Бухорӣ боздид намуд. Аз Қуръон сура қироат гардида, дуо фиристода шуд.

Мақбараи ниёи гузаштаамон яке аз маконҳои муқаддаси олами ислом ба шумор меравад. Ҳоло маҷмӯа бозсозӣ мегардад, ки ба ин рутбаи баланд мутобиқ бошад. Масҷид қариб барои 10 ҳазор нафар ибодаткунанда, 4 манора, айвонҳо бунёд мегардад. Дар шафати маҷмӯа меҳмонхонаҳо, истгоҳи автомобил ва истгоҳи автобус, нуқтаҳои савдо ва хӯроки умумӣ бунёд хоҳанд гардид.

Роҳбари давлат ҷараёни корҳоро аз назар гузаронда, дар бобати ба вуҷуд овардани тамоми қулаиҳо барои зиёраткунандагон супоришҳо дод.

– Худо хоҳад, пас аз кушода шудани ин маҷмӯа миқдори зоирон боз ҳам зиёд мегардад. Хусусан куҳансолон зиёд хоҳанд гардид. Роҳати онҳоро махсус ба инобат бояд гирифт. Ин ҷое бояд гардад, ки нафақат барои рӯҳониён ва маърифатпарварон, балки чун маркази маданӣ низ истифода гардад. Беҳтарин гулпарворонро ҷалб намуда, дар тӯли тамоми сол маҷмӯа ба гулистон бояд табдил ёбад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки маҷмӯа, ки тамоман ҳусни дигарро молик мегардад, тамоми имконотро дорад, ки ба маркази бузурги сайёҳии зиёратӣ табдил ёбад ва ҳатман аз ин босамар истифода бояд кард.

Президент инчунин аз Маркази сайёҳие, ки дар ноҳияи Самарқанд сохта мешавад, боздид намуд. Дар ин ҷо сохтмони 8 меҳмонхона, конгресс-холл, корвонсарои «Шаҳри ҷовид» сохта мешавад. Канали қаиқронӣ обод гардида, дар атрофи он боғ ба вуҷуд оварда мешавад.

Умуман маркази мазкур бинобар мутобиқаташ ба тамоми стандартҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи сайёҳӣ, зарфияташ дар заминаи хидматрасонии замонавитарин нафақат вилояти Самарқанд ва мамлакатамон, балки саноати тамоми минтақаро ба дараҷаи нави индустрияи сайёҳӣ табдил медиҳад.

Роҳбари давлат дар заминаи ба вуҷуд овардани шароити замонавӣ барои баргузор намудани анҷуманҳои бузурги байналхалқӣ, намоиш ва пеш бурдани маданият, маърифат, таомҳои миллии халқамон дар ин ҷо тавсияҳо дод.

Бо ҳамин Президент Шавкат Мирзиёев сафари худро ба Самарқанд анҷом дод.

ЎзА.

«КОНСТИТУТСИЯИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – КОНСТИТУТСИЯИ МАН»

Мавриди муҳокимаи васеи ҷамоатӣ қарор гирифтани лоиҳаи қонуни конституционӣ «Дар бораи ворид сохтани дигаргунӣ ва иловаҳо ба Конституцияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» аз ҷараёнҳои муҳимест, ки ҳамдиёрони моро бефарқ намегузорад. Равшанфикрони мо дар шаклҳои мулоҳизаву мунозира ва изҳори фикру таклифот дар муҳокима иштирок менамоянд.

Акнун вазифаи ҳар кадоми мо мубориза дар роҳи ноилшавӣ ба мақсаду вазифаҳои дар он муайяншуда. Тавре ба назар мерасад, талаб ва қоидаҳое, ки дар Конститутсия муқаррар шудаанд, ифодаи амалии дигаргуниҳо дар ҷамъият ва оилаи мо мебошанд.

Конститутсия, воқеан, пойдевори мустаҳками ҳуқуқии ҳамаи он муваффақиятҳое мебошад, ки дар солҳои истиқлолият давлати рӯ бар ривоҷи мо ба даст овардааст. Дар даврае, ки гузашт, ба комёбиҳои бисёр ноил шудем. Вале дигаргуниҳои 5-6 соли охир дар ҳаёти мамлакат ва рӯзгори шахсии ҳамватанонамон ҳақиқатан даврае буд тақдирсоз. Дар роҳи таъмини манфиатҳои инсон, баланд бардоштани дараҷаи зиндагии халқи мо, офаридани шароитҳои мусоиди зист ва истироҳат дар маконҳои обод корҳои зиёд ба амал бароварда шуданд, ки инро, бидуни шак, ҳар оила ва ҳар як шаҳрванд ҳис намуд. Хусусан, шахсони оддӣ, ниёзманд ва ногирохо, ки ба дастгирии давлат бештар муҳтоҷанд, мавриди эътибори алоҳида қарор гирифтанд. Ислоҳот дар соҳаҳои гуногун барои дигаргунӣ ва дигаргунсозиҳои азим замина офарид. Пештар мегуфтем, фарзандонамон оянда бояд аз мо хубтар зиндагӣ кунанд. Кас назар ба худаш бештар фарзандонашро фикр мекунад. Нахӯрдаву напӯшида, дар саъйи таъмини фарзандҳост ва ғами фардои онҳоро меҳӯрад. Ин хуб. Вале ғами ҳаёти кӣ меҳӯрад? Инсон як бор ба дунё мемеяд ва умр ниҳоят зудгузар... Президентамон гуфт, натиҷаҳои ислоҳотро кас бояд худи имрӯз ҳис кунад.

Тағйирот ва иловаҳо ба Конститутсия, зиммнан, ба мустаҳкамсозии тамоюли давлати иҷтимоӣ будани Ӯзбекистон ва рушди ҷамъияти шаҳрвандии озод ва адолатнок дар ин сарзамин нигаронида шудааанд. Ҳуҷҷат, дар навбати аввал, фарогири масъалаҳои барпои давлати демократӣ-ҳуқуқии инсонпарвар дар Ӯзбекистон мебошад.

Ҳаминро дарк карда, шаҳрвандонамон дар ҷараёни муҳокимаҳо фаъолона ширкат ҷуста, баҳри такмили Қарқонуни мо фикру мулоҳизоти солим баён месозанд. Қобили таваҷҷуҳ боз он ки бештар аз 70 фоизи иштирокдорони ҷараён ҷавонони то 30-сола мебошанд, ки кафолати ҳуқуқии ояндаи бузург будани Конституцияро қалбан дарк кардааанд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ҳисси дахлдории халқи мо дар барпои ҷамъияти воқеан шаҳрвандӣ то андозае ташаккул ёфтааст.

Яке аз самтҳои муҳими Конститутсия, ки бо таклифи шахсии роҳбари давлати мо зеби рақам шудааст «Инсон, ҳаёти вай, озодӣ, қадру қимат, ҳуқуқ ва манфиатҳои дахлнопазири ӯ» унвон гирифта ва боис шудааст «Барои қадри инсон» ғояи асосии ин ҳуҷҷати муҳими давлатӣ қарор гирад.

Маҳз бо ташаббуси сардори давлат мафҳумҳои якдигарро пурракунандаи «Инсон – ҷамъият – давлат» мазмуну моҳияти Конституцияамонро амиқ фаро гирифта, вомедорад дар ҳаёти амалиамон онро чун арзиши маънавӣ бишносем.

Чун ислоҳоти кулл, ки ба манфиати инсон нигаронида шудааст, Конститутсияи такмилёфта, айни замон, халқпарварона аст. Ҳар яки мо бо ният ва мақсадҳои неку бузург зиндагӣ мекунем. Ин ният ва мақсадҳо бо Қарқонун ё худ ба Сарасос молик бояд бошанд.

Ҳар нафаре, ки бо умеди зиндагии нек аст, қабл аз ҳама, ба давлат такя мекунад. Вале он давлат бояд ба маъной том иҷтимоӣ бошад. Бале, маҳз давлати иҷтимоӣ дар асоси принсипҳои баробарии иҷтимоию адолат ба шаҳрвандони худ шароити мусоиди зист фароҳам месозад. Мақсади асосии он – бартарафсозӣ ё худ коҳишдиҳии тафовутҳои иҷтимоӣ. Айни замон саъй менигаронад муҳоҷон бо хонаву ҷой, маҳсулоти истеъмолии зарурӣ таъмин бошанд. Барои он ки шахс ва оилаи ӯ ҳаёти муносиб гузаронад, маоше, ки мегирад, расубас бошад. Баробари таъмин бо шуғл офаридани шароит барои амнияти меҳнатӣ чизи муҳим. Коҳиш додани камбағалӣ, дар ин самт, яке аз вазифаҳои устувори сиёсати давлатист.

Бо назардошти ҳамин ба моддаи 37-уми Конститутсия як қатор иловаҳо ворид шуда ва муайян мегардад: «Ҳар кас ба меҳнати муносиб, озодона касб интихоб намудан, дар шароитҳои қулайи меҳнатие, ки ба талаботи амнияти ва гигиена ҷавобгӯ ст, кор кардан, барои меҳнаташ бидуни ҳеҷ гуна камситӣ ва ба тарзи адолатнок, ки аз ҳадди ақалли музд кам нест, маош гирифтан, айни замон аз бекорӣ ба тартибе, ки дар қонун муайян шудааст, мавриди ҳимоя қарор доштан ҳуқуқ дорад».

Айни замон дар моддаи 38-уми лоиҳаи қонун банди иловагӣ мебинем, ки мувофиқи он шаҳрвандоне ҳам, ки кироя меҳнат мекунанд, ҳуқуқ доранд рӯзҳои дамгирӣ ва ид истироҳат кунанд, ба таътили солонаи меҳнатии музднок бароянд. Ба дараҷаи конститутсионӣ ҳал гардидани масъалае, ки шаҳрвандони ба тарзи кироя меҳнаткунандаро нороҳат месохт, албатта, иқдоми тоза дар халқпарварист.

Чанд сол пештар ҳатто тасаввур карда наметавонистем барои ногироёне, ки ҷои зист надоранд, манзилҳои замонавӣ барпо карда мешаванд. Нафақаашон низ хеле ночиз буд. Ҳоло мувофиқи тартибе, ки дар қонун муайян шудааст, сохтори хидматҳои иҷтимоии давлатӣ ривоҷ ёфта, меъёрҳое, ки ворид мешаванд, ба беҳтарсозии шароити зист ва вазъи маишии эҳтиёҷмандон нигаронда шудаанд, ки ин ҳама асосии муҳиманд дар боз ҳам пурзӯрсозии ҳифзи иҷтимоӣ. Мувофиқи моддаи 39-уми Қарқонун пенсия, нафақа, навъҳои дигари кумаки иҷтимоӣ набояд аз миқдори хароҷоти истеъмолии камтарин, ки расман муайян карда шудааст, кам бошанд.

Соҳибони мулки хусусӣ низ тӯли солҳои зиёд беташвиш набуданд. Ҳарчанд дар Конститутсия дахлнопазирии ҳуқуқи онҳо муайян ва соли 2012 қонун дар бораи ҳифзи мулки хусусӣ ва кафолатҳои ҳуқуқи мулкдорон қабул шуда буд, ҳолатҳои вайроншавии ин ҳуқуқ, бинобар ҳудсарии баъзе мансабдорҳо вайрон сохтани корхонаҳои хусусӣ, хунукназарӣ ба амволи ғайриманқул ба мушоҳида расид. Онҳое низ, ки манзилашон ба «снос» афтод, ба мушкилиҳо дучор шуда, ба кӣ арз кардани худро надонистанд. Бинобар ин сабабҳо Президент зимни вохӯрӣ бо аъзои Комиссияи конститутсионӣ гуфт: «Байни халқи мо муаммои машҳуре ҳаст бо номи «снос». Барои барҳам додан ба ин гуна ҳолат оиди хонаву ҷой кафолати конститутсиониро муайян кардан лозим. Яъне, бидуни қарори суд ҳеҷ кас набояд аз хонаву ҷояш маҳрум гардад. Вайрон сохтани иморат лозим шавад, қабл аз вайрон кардан ба соҳиби он пардохти ҷуброни ба арзиши мулк арзанда шарт аст. Ба манзил ё дигар молу мулки шахс бе рухсати ӯ даромадан, аз чашм гузарондан, кофтуков фақат дар тартибе, ки қонун муайян кардааст, бояд ба амал ояд ва ин ҳолат дар Конститутсия қатъӣ муайян гардад».

Навъе ҳис мекунем, Конститутсияе, ки маҳсули Ӯзбекистони Нав буда, ба маъное Конститутсияи халқист, нафақат қиёфа ва тарзи ҳаёти имрӯзро акс мекунад, балки ҳуҷҷатест дар он пойдевор ва заминаҳои ҳуқуқии мақсадҳои некамон дар оянда инъикос ёфтааст. Бо ифодаи Президент меарзад ҳар ҳамватани мо бо ифтихор гӯяд, ки: «Конститутсияи Ӯзбекистони Нав – Конститутсияи ман».

Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.

МОҲИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ҚАРОР – МАВРИДИ МУҲОКИМА

27 июни соли ҷорӣ қарори Президент «Дар бораи чораҳо оид ба дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика» қабул шуда буд. Дар ҷамъомади навбатии Маркази матбуоти миллӣ, ки дар он намояндагони Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон, ходимони нашрияҳои чопӣ, профессор-омӯзгорони муассисаҳои таълими олии журналистика ва донишҷӯён иштирок намуданд, доир ба мазмуну моҳият ва аҳамияти қарори мазкур сухан ба миён омад.

– Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 пешбинӣ шудааст, ҳифзи манфиатҳои қонунӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммавӣ, инчунин минбаъд баланд бардоштани рушди соҳаи журналистика мебошад, – гуфт раиси Иттиҳоди журналистон Олимҷон Ӯсаров. – Қарори сарвари давлат «Дар бораи чораҳо оид ба дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика»-ро ҳамаи намояндагони соҳа – чӣ дар телевизиону радио ва чӣ дар нашрияҳои чопӣ фаъолият доранд, бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд. Бешубҳа, ҳаллу фасли масъалаҳое, ки дар қарор пешбинӣ шудааст, бевосита ба рушди соҳа ва баланд бардоштани нуфузи журналистон хидмат мекунад. Аз ҷумла, дар солҳои 2023-2024 50 нафар журналист ва узви таҳririятҳо барои таҷрибаомӯзӣ ва иштирок дар чорабиниҳои медиа ба хориҷ фиристонида мешаванд. Дар навбати худ барои онҳо гурӯҳҳои хониш ташкил дода мешавад, ки мутахассисони бомалакаи хориҷ дарсҳои маҳорат мегузаранд ва таҷрибаҳояшонро баҳам мебинанд.

Минбаъд барои баланд бардоштани нуфузи кадрҳои журналист озмуни «100 маводи беҳтарин» баргузор шуда, ғолибони он мукофотонида мешаванд.

Директори Агентии ахбори миллии Ӯзбекистон Абдусаид Кӯчимов гуфт, ки таҳririятҳои чопӣ аз обунашавӣ то рафта расидани рӯзнома ба дасти хонандагон мушкилоти зиёдро аз сар гузаронидаанд. Мувофиқи қарор, пас аз ин, сохтори онлайни обунашавӣ ба роҳ монда мешавад. Чунин платформа ҳам барои нашрия ва ҳам барои газетхон қулаии хосро дорад. Афзалнокии платформа дар он аст, ки таҳririят метавонад бо почта ҳамкориро ба роҳ монда, ҷараёни обунашавиро бевосита таҳти назорат гирад. Маблағи барои обуна ҷудошуда бевосита ба дасти худи таҳririят меояд ва ӯ метавонад аз хидмати хидматрасонии дилхоҳ истифода барад.

Мувофиқи қарор бинои иншооти матбуотчиён, ки дар кӯчаи «Матбуотчилар»-и ноҳияи Мирободи пойтахт ҷойгир шудааст, азнав пурра тармим гардида, ба ихтиёри Агентии ахбори миллии Ӯзбекистон дода мешавад. Дар он ҷо мисли давлатҳои рушдёфта шаҳраки матбуотчиён бунёд гардида, иншоот пурра бо технологияҳои замонавӣ таъмин мегардад. Масъалаи сохтмони истгоҳҳои замонавии зеризаминӣ барои автомобилҳо ва фавворaҳои замонавӣ низ таҳти назар гирифта шудааст.

Дар охирсухан бояд тазаккур дод, ки имрӯз намои иҷтимоиву сиёсии ҷаҳон бо суръати баланд тағйир меёбад. Баробари ҳамин, қатори ҳамаи соҳаҳо аз соҳаи журналистика низ тезкорӣ ва маводҳои босифати аз ҷиҳати иҷтимоиву сиёсии беғалат таҳлилгирдида талаб карда мешавад. Бинобар ин маводҳо бояд ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳар як фард таъсири мусбати худро расонад.

Н. НОДИРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Фикри депутат

САРГАРДОНИҲОИ ЗИЁДАТӢ ПЕШГИРӢ КАРДА МЕШАВАД

Имрӯзҳо, акди никоҳ пас аз як моҳи ба Сабти далолатномаҳои ҳолати шаҳрвандӣ (СДҲШ) пешниҳод шудани аризаи никоҳшавандагон анҷом дода мешавад. Ба кӯтоҳ кардани ин муҳлат танҳо дар ҳолатҳои махсус ва мавҷуд будани сабабҳои узрнок иҷозат дода мешавад.

Азбаски дар қонунгузорӣ чунин ҳолатҳо ба таври аниқ муқаррар карда нашудааанд, ин талабот дар амал ба таври гуногун маънидод шуда, муҳлати никоҳ бо асосҳои гуногун кӯтоҳ шудааст. Муқаррар шудани муҳлати якмоҳа барои никоҳ ва кӯтоҳ кардани ин муҳлат бо баъзе расмиятҳо вобастагӣ дорад, ки сабаби бе қайди никоҳ оила барпо кардани аксарият шудааст. Дар натиҷа, шумораи корҳои аз ҷиҳати ҳудудӣ муайян намудани падарӣ меафзояд.

Ин дар навбати худ вобаста ба тағйироти ҷомеа ва равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро ба давру замон мутобиқ гардонида, ба инобат гирифтани талабу дархости шаҳрвандонро талаб мекунад. Ғайр аз ин, ба Кодекси оила, ки соли 1998 қабул шуда, соҳаи мақомоти СДҲШ-ро бевосита ба тартиб медарорад, зарурати даровардани тағйироту иловаҳо ба миён меояд.

Лоиҳаи қонун «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», ки дар ҷаласаи навбатии Палатаи қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон баррасӣ шуд, аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст, ки ба боз ҳам такмил додани раванди ташкили оила дар мақомоти СДҲШ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои шахсони никоҳшаванда ва тавассути сари вақт қонунӣ кардани акди никоҳ ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон нигаронда шудааст.

Дар ин ҳуҷҷат муҳлати якмоҳаи барои акди никоҳ зарурӣ бекор карда шуда, акди никоҳ аз рӯйи натиҷаи муоинаи тиббӣ ба қайд гирифта мешавад, инчунин дар сурати аз панҷоҳсола боло будани шахсони никоҳшаванда ё байни шахсони никоҳшаванда фарзанд бошад, ёхуд ҳомила бошад, аз муоинаи тиббӣ ба таври ихтиёрӣ гузаштанро интихоб кардан пешбинӣ шудааст, ки барои пешгирии чунин низоъҳои дар боло зикршуда хидмат мекунад.

Меъёрҳои нави дар лоиҳа пешниҳодшуда ба боз ҳам содагардонии тартиби қайди акди никоҳ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон тавассути сари вақт қонунӣ кардани акди никоҳ, инчунин пешгирии расмиятчигӣ ва ҳолатҳои коррупсионӣ нигаронида шудаанд.

Тибқи Кодекси оилаи амалкунанда акди никоҳи зану шавҳар пас аз 1 моҳи мурочиат ба СДҲШ ба қайд гирифта мешавад. Дар ин муддат никоҳшавандагон аз муоинаи ҳатмии тиббӣ мегузаранд.

Дар ҳолатҳои истисноӣ ҳомила, таваллуди фарзанд, беморие аз тарафҳо ва ҳолатҳои дигар то ин муҳлат иҷозат дода мешавад. Азбаски, ҳолатҳои асосшавандаи кӯтоҳ кардани ин муҳлат муайян карда нашудааанд, меъёри ҳуқуқии дар амал ба таври гуногун истифода мешавад.

Аз ҷумла, дар соли 2021 ба мақомоти СДҲШ зиёда аз 311 ҳазор ариза барои қайди никоҳ пешниҳод карда шуд. Аз ин шумора 5 ҳазору 800 акди никоҳ бо сабабҳои гуногун дар тӯли се моҳ қайд нашуда бошад, дар соли 2021 аз беш аз 305 ҳазор никоҳ 50 ҳазораш бо муҳлати якмоҳаи кӯтоҳ ба қайд гирифта шудааст. 23 ҳазор акди никоҳ бо сабабҳои ҳомила, 15 ҳазор никоҳ бо таваллуди кӯдак ва 12 ҳазор никоҳ бо сабаби беморӣ, сафари хидматӣ ва дигар як моҳ кӯтоҳ карда шуд.

Сарфи назар аз корҳои анҷом додашуда, ҳолатҳои бо асосҳои гуногун кӯтоҳ кардани мӯҳлати якмоҳаи бақайдгирии акди никоҳ, яъне маълумотномаи тасдиқнашуда дар бораи бемории шахсоне, ки хешовандони зану шавҳар нестанд, маълумоти ноаниқи ҳомилаи арӯс (хулосаи УЗИ), фармони корхонаи хусусӣ дар бораи сафари хидматӣ, маълумотномаи фарзондоне, ки фарзандони умумии зану шавҳар нестанд ва ҳолатҳои манфии ба мақомоти СДҲШ пешниҳод кардани маълумотномаҳои тиббии бардурӯғ аз тарафи шаҳрвандон ба назар мерасанд .

Дар натиҷа ҳодисаҳои муқаррар намудани падарӣ нисбат ба кӯдак сол то сол зиёд мешавад. Аз ҷумла, соли 2020 наздик ба 49 ҳазор падарӣ муқаррар шуда бошад, дар соли 2021 ин нишондод беш аз 56 ҳазорро ташкил дод.

Аз ин рӯ, бо лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаҳои 13, 17 ва 212-и Кодекси оила тағйирот ворид карда шуд. Масалан, муҳлати якмоҳаи қайди акди никоҳ ва асосҳои кӯтоҳ кардани он бекор карда шуда, тартиби ба расмият даровардани акди никоҳ пас аз гузаштани шахсони никоҳшаванда аз муоинаи ҳатмии тиббӣ муқаррар карда шудааст. Инчунин, лоиҳа ба муддати якмоҳаи қайди никоҳ нигаронида шуда, тартибу шартҳои таҳшиси ҳатмии тиббӣ тағйир наёфтааст. Аз ин рӯ, дар лоиҳа муоинаи тиббии ихтиёрӣ барои шахсони оиладоре, ки синнашон аз панҷоҳ боло аст, ё соҳиби фарзанд, инчунин зани ҳомила ва шахсе, ки кӯдаки ҳомилаашро фарзанди худ медонад, муқаррар шудааст.

Пӯшида нест, ки дар амал бештари никоҳкунандагон қарори оила барпо карданро пештар қабул карда, бо мақсади ба расмият даровардани акди никоҳ ба СДҲШ мурочиат мекунанд. Танҳо дар соли 2021 дар 3 ҳазору 40 нафар арӯс ё домод дар натиҷаи муоинаи ҳатмии тиббӣ беморӣ муайян шуда бошад ҳам, бо розигии онҳо никоҳ қайд шудааст.

Сарвари давлат 20 июни соли ҷорӣ дар мулоқот бо аъзои Комиссияи конституцсионӣ ба масъалаи оила дахл намуда, бо мақсади рушди асосҳои конституцсионии институти оила дар Сарқонун пешниҳод намуд, ки «оила дар асоси розигии ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқии марду зан ташаккул ёбад» ҳамчун ҷузъи табиӣ ва такягоҳи ҷомеа бошад, таҳти ҳимояи махсуси ҷамъият ва давлат қарор гирад. Ин як ташаббуси арзанда буда, изҳори дили ҳазорҳо ҳамватанони мо буд.

Дар ин росто аз ҷониби давлат мувофиқи қонун барои рушди ҳамаҷонибаи оила шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ ва барои оилаҳои серфарзанд имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоӣ фароҳам овардан ба мақсад мувофиқ аст. Танҳо дар он сурат пояҳои иқтисодию маънавии оила мустаҳкам шуда, ҷавонон ҳаёти хушбахтона ба сар мебаранд. Дарвоқеъ, ин имкон медиҳад, ки расмиёти зиёдатӣ, бюрократия ва ҳолатҳои коррупсионӣ дар мақомоти СҲДШ ва мақомоти тандурустӣ аз байн рафта, ҳолатҳои муайян кардани падарӣ ва акди никоҳи қонунӣ коҳиш ёбад.

Мавлудахон ХӮҶАЕВА,
раиси Кумитаи меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

Дар шаҳри Тошканд Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсия нишасти 61-уми худро баргузор намуд. Ин нишаст ҳамзамон ҷамъомади 30-юми ҷашнии ШБ ИДМ низ эълон карда шуд. Он дар шакли онлайн ва офлайн ба вуқӯъ пайваст. Дар он роҳбарону намояндагони идораҳои марбутаи кишварҳои узви ИДМ ширкат намуданд.

НИШАСТИ ШӮРОИ БАЙНИДАВЛАТИИ ИДМ БАРГУЗОР ШУД

– Яке аз сабабҳои асосии дар шаҳри Тошканд баргузор гардидани ҷамъомади навбатии Шӯрои байнидавлатии ИДМ дар он аст, ки дар Ӯзбекистони Нав ислоҳоти васеъмиқёс сурат мегирад ва ҷиҳати аз наздик ба он ошно намудани давлатҳои ҳамкор, густардатар сохтани робитаҳои манфиатбахш як қатор чорабиниҳои хос пиёда хоҳанд шуд. Бешубҳа, ислоҳоти васеъмиқёси Ӯзбекистон соҳаи стандарткунонӣ, метрология ва сертификаткунонии онро низ фаро гирифтааст. Дар айни ҳол барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ гардонидани он талошҳои зиёд ба харҷ дода мешавад, – изҳор намуд ноиби раиси Кумитаи иҷроияи ИДМ Илҳом Неъматов.

Ҳуҷҷатҳое, ки 30 сол муқаддам дар соҳаи стандарткунонӣ, метрология ва сертификаткунонӣ ба имзо расидаанд, дар ҳаёти иқтисодии ин кишварҳо яке аз ҳодисаҳои муҳим маҳсуб ёфтааст. Гуфта мешавад, он ҳатто ба арзи вуҷуд намудани Шӯрои байнидавлатии ИДМ асос гузоштааст.

Гуфта шуд, ки дар шароити кунунии амиқсозии иқтисодӣ ва рушди талаботи фарҳанги истеъмолӣ бозори ҷаҳонӣ низ чанд талаби ҳудро дар миён гузоштааст, ки ба сифат ва бехатарии маҳсулоти содиротӣ марбут мебошад. Барои ҳамин 13 июни соли равон таҳти раёсати Шавкат Мирзиёев ҷамъомади махсуси корӣ баргузор гардидааст, ки сарвари давлат муҳим будани рушди стандартизатсия, метрология, сертификатсия, инчунин сифатан арзёбии маҳсулоти мадди назари барои содирот муқарраршударо таъкид намуд.

Дар ҷамъомад чанд нафар вакилони ниҳодҳои миллии стандартизатсия, метрология ва сертификатсия барои саҳмашон дар рушду тавсеаи фаъолияти Шӯрои байнидавлатии ИДМ бо дипломҳо ва нишонҳои сарисинагӣ сазовор гардиданд.

Дар он ба як қатор ҳуҷҷатҳои Шӯрои байнидавлатии ИДМ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Инчунин, маросими табодули таҷрибаҳо низ ба вуқӯъ пайваст. Дар он намояндаи ҳар як нисҳоди давлатҳои ИДМ аз дастовардҳои худ ба ҳамтоёни худ нақл намуд ва мушкилоту муаммоҳоро дар миён гузошт, ки метавон онҳоро дар дастаҷамъӣ ҳаллу фасл намуд.

Ҷамъомад масъалаҳоеро низ баррасӣ намуд, ки ҳадафи асосии он беҳбуди содир намудани маҳсулоти сифатнок бо назардошти истифода аз технологияи инноватсионӣ ва усулҳои менеҷменти босамар мебошад.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори
“Овози тоҷик”.

ХАБАРҲО

ТАКМИЛИ МАЛАКА ДАР АНҶУМАНИ ТАЪЛИМӢ

Дар Академияи идоракунии давлатии назди Президент бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии ходимоне, ки дар маҳаллаҳо бо ҷавонон фаъолият мебаранд, анҷумани таълимӣ баргузор ва он се рӯз идома намуд.

Қайд гашт имрӯзҳо оиди баланд бардоштани баланс ва ташкили платформаҳое, ки ба фаъолияти ҷавонон вобастаанд, дар доираи панҷ ташаббуси муҳими роҳбари давлат ба миён гузошта дар маҳаллаҳо андешидани чобариниҳои маънавию фарҳангӣ, ки аз панҷ давра таркиб ёфтаанд, корҳо пеш бурда мешаванд. Чунин тадбирҳо дар кашф намудани истеъдодҳои ҷавон, ба навигариҳо ошно сохтани насли наврас ва таъмини иштироки ходимони пешбар дар ҷараёнҳои навсозӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар анҷумани таълимии навбатӣ аз ҳамаи ҳудудҳои ҷумҳурӣ ҷамъ 202 нафар мудирони шуъба оиди кор бо ҷавонони пешбар иштирок ва дар он намояндагон аз Агентии кор бо ҷавонон, профессорону устодони Институти омӯзиши муаммоҳои ҷавонон ва омодасозии кадрҳои истиқболнок, мутахассисони соҳа маърӯзаҳо хонданд.

ҲАМКОРИҲОИ МТО БО КОРХОНАҲО

Донишҷӯёни имрӯз пагоҳ чӣ гуна кадр шуда ва чӣ тавр дар корхонаву ташкилотҳо мустақилона фаъолият мебаранд?

Чорабиние, ки бо иштироки мутахассисон аз хориҷ дар Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд рӯйи кор омад, асосан ҳамин масъаларо мавриди гуфтугӯ қарор дод. Қисми асосии баромадҳо мавзӯи “Ҳамкории донишгоҳ бо корхонаҳои саноати”-ро фаро гирифт. Таъкид гашт, донишҷӯ дар ҷараёни таҳсил бояд ба чунин донишу маҳорати касбӣ мусаллаҳ гардад, ки аснои кор дар корхонаву муассисаҳо ба душворӣ рӯбарӯ наояд.

Муассисаҳои таълими олии Ӯзбекистон (аз ҷумла Донишгоҳи иқтисодиёт) дар ин самт ба як қатор мактабҳои олии кишварҳои мутараккӣ ҳамкорӣ мекунанд ва якҷо бо онҳо нақшаҳои стратегиро ба амал мебораранд, гуфта шуд дар анҷумани байналхалқӣ. Таълими интегратсионӣ модернизатсия гардида ва барои беҳсозии сифати омӯзиш ҷиҳати ҳамкорӣ бо корхонаҳои саноатӣ байни МТО рақобати солим ба миён оварда мешавад.

ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯВӢ ДАР ИСТЕҲСОЛИ ҶАРМ

Дар доираи Рушди стратегии Ӯзбекистони Нав байни солҳои 2022-2026 ва корҳое, ки аз рӯйи нишондодҳои Барномаи давлатии Соли бузургдошти инсон ва маҳаллаи фаъол ба иҷро расонда мешаванд, пешравиҳо дар соҳаи истеҳсоли чарми пойафзор, айни замон, ба мушоҳида мерасанд.

26 феврали соли равон қарори Президент дар бораи чораҳои иловагӣ оиди ривоҷ додани истеҳсолот дар соҳа ба имзо расид. Аз рӯйи иҷрои вазифаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳо муайян шудаанд, аз ҷониби иттиҳодияи “Ӯзчармсаноат” як қатор корҳои муҳим ба сомон расонда шуданд, гуфта шуд зимни брифинге, ки дар Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ баргузор гардид. Қайд гашт дар шашмоҳаи аввали соли равон маҳсулоти чармӣ, ки бароварда шуданд, 2,3 триллион сӯм арзиш доранд. Сармояи хориҷие, ки тӯли ним сол ҷалб гашт, 16,5 миллион доллари ИМА-ро ташкил менамояд. Барои татбиқи 24 лоиҳаи сармоявӣ қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуданд. Ин имкон дод 1850-то ҷойи нави корӣ ташкил карда шаванд.

М. ШОДИЕВ,
мухбири
“Овози тоҷик”.

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Гулистон», дар шафати заводи пахтатозакунии Шофиркон бинои дуошёнаи фабрикаи дӯзандагӣ дар муддати кӯтоҳ қад боло кард.

ФАБРИКАИ ДӮЗАНДАГӢ ДАР ШОФИРКОН

Ин корхонаи азимро беш аз сад нафар бинокорони корхонаи пудратӣ дар асоси технологияи Туркия ба андозаи 120х108 метр бунёд карданд. Сехи азим бо дастгоҳу ҷиҳозҳои замонавии дӯзандагӣ муҷаҳҳаз гардид. Арзиши умумии лоиҳа 50 миллиарду 700 миллион сӯм буда, аз ҷумла 25 миллиард сӯми ин сармоя баҳри сохтмони ин корхона харҷ гардид.14 миллиарду 170 миллион сӯмаш барои овардани 660 мошини дарздӯзии «Juki»-и Ҷопон ва ускунаҳои дигар хидмат кард. Дар корхона 22 хати дӯзандагӣ (ҳар кадом дорои 30 дастгоҳи дарздӯзӣ) ба роҳ монда мешавад. 10 миллиарду 900 миллион сӯм маблағ дар ҷараёни истеҳсолии матоъ – ашёи хоми нимтайёр сарф мешавад. Фабрика баробари сеҳҳои дӯзандагии замонавӣ дорои анборҳои ашёи хому маҳсулоти тайёр, биноҳои иловагӣ мебошад. Дар ин ҷо соле 1 миллиону 100 ҳазор дона либоси гуногун истеҳсол гардида, 70 фоизи маҳсулот ба бозори маҳаллӣ ва 30 фоизи онҳо ба ҳамкорони хориҷӣ бароварда мешавад. Музди

кор ба самаранокии рӯзи кор вобаста буда, он ба ҳисоби миёна ба 2 миллион сӯм рост меояд. Пешбинӣ шудааст, ки арзиши солонаи истеҳсолот ба 264 миллиард сӯм расонда шавад.

Ба қарибӣ маросими кушодашавии ин фабрика, ки «AZTEKS» ном гирифта, маҳсулоти ҳудро таҳти унвони «Amirteks» истеҳсол мекунад, ба амал омад. Дар он намояндагони ҷамоатҳои вилояту ноҳия, корчаллонҳои Туркия, кормандони ҳокимият, мутасаддиёни ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бухоро Агрокластер», вакилони ВАО иштирок карданд. Ҳокими вилоят Б. Зарифов ба сухан баромада, таъкид кард, ки ин корхона дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ноҳия воқеаи муҳим буда, имкон медиҳад, ки бештар аз 1200 нафар зан ва духтарони соҳибҳунари гулдаст бо кор таъмин шаванд. Аз ин садҳо оилаҳо манфиати моддӣ мебинанд. Ҳоким аҳли ноҳия ва бонувони сарбаландро бо комёбии хеле муҳим муборакбод намуд.

Сипас иштироккунандагони тадбир бо ҷараёни истеҳсолот, шароити кори кормандон, ошхона ва манзилҳои истироҳатии фабрика шинос шуданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Дар мамлакатамон барои шаҳрвандоне, ки бо соҳибкорӣ машғул мешаванд, ҳамаи имкониятҳо фароҳам оварда шудааст. Дар ин ҷода ҳар кас барои обод кардани манзилаш кӯшиш мекунад ё ягон корхона ташкил карда, чанд нафар ҳамдиёрашро бо кори доимӣ банд мекунад.

ГУЛНОРАИ КОРДОН

Эътибори бузурге, ки таҳти роҳбарии Президент ба ривоҷу равнақи тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ, аз он ҷумла, ба занону духтарони тадбиркор дода мешавад, дар ба роҳ мондани тиҷорати хурд омили муҳим мегардад.

Соҳибкорзани варзикӣ Гулнора Фахриддинова аз чунин имкониятҳо самаранок истифода бурда, дар маҳаллаи Пилоли ноҳияи Чуст корхонаи хусусии “ЭКО ВАРЗИК ТЕКСТИЛ”-ро созмон дод ва 40 нафар бошандагони деҳа бо кор таъмин шуданд. Бинои холии дуошёнаи маҳалларо таъмир намуда, шароити заруриро фароҳам овард.

– Аз ҳисоби қариб 700 миллион сӯм вомӣ имтиёзноки филиали “Агробанк”-и ноҳия мошинҳои чкдӯзии замонавӣ харид намудем, – мегӯяд Гулнора. – Дӯхтани либосҳои мардона, занона ва бачагона, ҷилди болишт ва ҷойпӯш, – ҳамагӣ истеҳсоли 20 намуди маҳсулотро ба роҳ мондем. Бо корхонаҳои “Дилрабо СДА Текстил” ва “Чуст-Ӯктамжон сервис” ҳамкорӣ мекунем. Чунин комёбиҳо моро ба татбиқи лоиҳаҳои нав роҳнамун месозад. Аз ҳисоби васеъ гардондани истеҳсолот мехоҳем, ҷавондухтарону заноне, ки дар ҳисоби «Дафтари занон» ҳастанд, бо кор таъмин кунем.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти НАМАНГОН.

ШИРКАТИ ИСПАНӢ НИЯТ ДОРАД ДАР САМАРҚАНД ИСТЕҲСОЛИ АВТОМОБИЛҲОИ МАХСУС ВА МОШИНҲОИ ЁРИИ ТАЪҲИЛИРО БА РОҲ МОНАД

Ҳайати вакилони ҶММ «SamAuto» ба мақсади баргузор намудани музокирот бо ширкати «Rodriguez Lopez Auto» дар шаҳри Оренсе (Галисия) бинобар масъалаи татбиқи лоиҳаи муштаракаи истеҳсоли мошинҳои ёрии таъҳилӣ дар Ӯзбекистон ба Испания ташриф овард.

«Rodriguez Lopez Auto S.L.U.» ба истеҳсоли мошинҳои ёрии таъҳилӣ ва махсус ихтисос дорад. Дар тӯли зиёда аз 40 сол, ширкат ба истеҳсолкунандаи пешбари мошинҳои ёрии таъҳилӣ дар Испания табдил ёфт, ки зиёда аз 65 фоизи бозорро ташкил медиҳад. Корхона ғайр аз бозори Испания ба Аврупо ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ маҳсулот содир менамояд. Дар тӯли солҳо, истеҳсолкунандаи испанӣ барои 25 кишвари ҷаҳон зиёда аз 10 ҳазор мошини ёрии таъҳилӣ истеҳсол кардааст. Ҳама мошинҳои ёрии таъҳилии ширкат мувофиқи дастурҳои аврупоӣ сертификатсия шудааанд ва ба стандарти EN1789: 2007 + A2 ҷавобгӯянд.

Моҳи августи соли гузашта роҳбарони ширкати «Rodriguez Lopez Auto» ба Ӯзбекистон омада, дар вазорати тандурустӣ, Маркази ҷумҳуриявии ёрии таъҳилии тиббӣ, ҶС «Ӯзавтосаноат» гуфтушунидҳо анҷом доданд ва инчунин аз заводи «SamAuto» дар Самарқанд дидан карданд.

Дар доираи ташриф бо директори иҷрогари “Rodriguez Lopez Auto” Хосе Энрике Родригез Хорхе оиди ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаи муштаракаи сармоягузорӣ дар иқтидори истеҳсолии заводи «SamAuto»-и Самарқанд музокироти пурмазмун гузаронда шуд.

Бо назардошти имкониятҳои корхонаи автомобилсозии Ӯзбекистон дар бораи таҳияи истеҳсоли мошинҳои махсус дар заминаи истеҳсоли шасси барои мошинҳои сабукрав ва боркаши “ISUZU” тавофуқ ҳосил шуд. Ҳаминки пешниҳодҳои техникии ҷониби Испания тайёр ва тавовуқи ҳамкорӣ ҳосил шуд, дар назар аст, ки чанд шасси истеҳсоли «SamAuto» аз Ӯзбекистон ба Испания барои версияи озмоишии мошинҳои ёрии таъҳилӣ дар корхонаи ширкати испанӣ дар шаҳри Оренсе фиристода шавад.

Дар оянда ташкили истеҳсолот дар Ӯзбекистон бо сарвории мутахассисони испанӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар назар аст, ки пас аз роҳандозии лоиҳа дар як сол аз 500 то 800 мошини ёрии таъҳилӣ ва мошинҳои махсус истеҳсол гардад. Ин, дар навбати худ, метавонад эҳтиёҷоти дохилии навсозии саройи мошинҳои Вазорати тандурустии Ӯзбекистон, муассисаҳои идоравӣ ва хусусии тиббии ҷумҳуриро пурра пӯшонда, имкони содир намудани маҳсулотро на танҳо ба хориҷи наздик, балки дигар давлатҳои ИДМ ва кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубӣ фароҳам оварад.

АИ «Дунё»,

МАДРИД.

ЁДБУД

МАРДИ АДАБПАРВАР

Чун умр рӯ ба ғуруб меорад, гоҳо айёми бебозгашти бачагӣ ба ёд меояд. Мо як гурӯҳ ҳамсабақон фориғ аз дарс молҳои резаи худро дар талу теппаҳои Бойназар, Дашти Мирӣ, Тубаки Ӯрун, Бобохон, дашти Мирзоҳамдам ба чаро мебурдем. Он солҳо хочагии мавҷуда тамоми заминҳои ин мавзеъро шудгор карда, гандуму ҷав мекорид. Айёми баҳорон чун майса рӯйи замини корамшударо мепӯшонид, маъмурияти хочагӣ дар ин дашту ҳомун посбонеро вазифадор мекард. Барои посбон аспи бадавро ҷудо мекард. Посбон ҳар рӯз аспсавор ба ин мавзеъҳо омада, сокинони гирду атрофро огоҳ мекард, ки майсаҳои навдамидаро ба молҳо нахӯронанд.

Мекӯшидем, ки ягон мол ба заминҳои корамшуда надарояд, вале баъзан бузҳо чашмони моро хато карда ба майсазор медаромаданд. Мо зуд бо чӯбдаст онҳоро пеш карда, дуртар аз рама меронидем.

Посбони дашт ҳар рӯз аспсавор дартоз меомад. Асп чун бод медавид. Чун ба назди мо мерасид, лаҷоми онро кашида, бо як нигоҳи тааҷҷубомез гирдогирди замини корамшударо аз назар мегузаронид. Ва чун медид, ки сари майсазорро моле нагазидааст, бо як авзои хушҳолӣ ба мо муроҷиат мекард:

– Бале, бачаҳо ба ҳамин тартиб моли хешро эҳтиёткорона поетон, то ки майсазорро нахӯранд, агар мол майсазорро хӯрад, убол мешавад. Дар натиҷа маъмурият аз ман мепурсад, ки чаро ҳосили таъби дил ба даст наомад.

Мо воқеан ин марди посбонро намешинохтем. Боре ному насаби ӯро аз падарам пурсидам. Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки ин мард Қурбонмурод ном дораду ҷони одам аст. Падару бобоҳояш низ одами хуб буданд. Падарам ин мардро таъриф карда гуфт, ки машғули бозӣ ба майсазор зарар нарасонетон.

Боре чанд буз чашми моро хато карда, ба майсазор даромада буд. Ҳамин дам ҳамсинфам ин ҳолро ба ман хабар дод. Ба сӯйи майсазор давидам. Аз дур амаки Қурбонмурод аспсавор ба сӯйи мо меомад. Ман то омадани ӯ бузҳоро аз майсазор пеш кардам. Ӯ ба назди мо омада "ҳай-ҳай кори хуб накардед бачаҳо, наход дидаву дониста бузҳоро ба майсазор дароретон. Агар ин коратон бори дигар такрор шавад, ман шумоёнро хафа мекунам", гуфт ва аспро ба ҷониби дашти Мирзоҳамдам пеш ронд.

Ҳамин сон амаки Қурбонмурод дар замини хотираҳои бачагии мо чун як марди ботамкину фурӯтан, ҳалиму хоксор боқӣ мондааст.

Айёми бачагӣ ва навҷавонии Қурбонмурод Ҷумъақулов дар дараи Дарбанд ва домани кӯҳи Чӯлбаҳр ва Саримаски бағалкалон гузаштааст. Ӯ дар оилае ба дунё омада буд, ки аҳли хонадон бо обилаҳои даст пораи ноне пайдо карда, умр ба сар мебурданд. Ҳамин тариқ, фарзандони ин оила дар ҷодаи меҳнат обутоб ёфта, ҳалол кор кардану ҳалол хӯрданро пешаи худ қарор дода буданд. Баъди хатми мактаби миёна мехост ба ягон донишгоҳ шомил гашта, хониши хешро идома диҳад, вале дар пеш бародари бузургаш дар донишгоҳи шаҳри Душанбе таҳсилро идома медод. Каму кости рӯзгор ӯро имкон намедод, ки ин нияташ ҷомаи амал пӯшад. Ӯ ноилоҷ фаъолияти хешро дар хочагӣ ҳамчун коргар оғоз кард. Баъди як соли хатми донишгоҳ бародараш ногаҳон ба беморие гирифтор гашта, мефавтад. Ин фоҷиа ба сари оилаашон рӯзҳои сахту сангинеро пеш меорад.

Қурбонмурод Ҷумъақулов пас аз чанд соли кору фаъолият дар хочагӣ ба техникуми кишоварзии Шаҳрисабз (шуъбаи ғоибона) дохил мешавад. Ӯ дар се соли таҳсил дар риштаи зоотехникӣ асрори ин касбу корро меомӯзад. Пас аз хатми техникум дар хочагӣ ба вазифаҳои зоотехники шуъба, ёрдамчии сарзоотехник, муовини сардори шуъбаи қитъавӣ фаъолият нишон медиҳад. Ин марди заҳматпешаву фурӯтан дар ин давр бо одамони зиёд якҷоя заҳмат кашида, таҷрибаи баланди корӣ меандӯзад. Ҳамкорон муомилаи хуш, фурӯтанӣ ва таҷрибаи баланди корӣ ро мепасандиданд. Қурбонмурод Ҷумъақулов дар кору вазифа марди масъулияткиносе буд. Ҳар коре, ки аз ҷониби маъмурият ё сари худ иҷро мекард, онро бо як меҳри беандоза ба сомон мерасонид. Ва ҳамин амали некашро ҳамкоронаш мепасандиданд. Чунин хислатҳои ҳамидаашро яке аз ҳамкорони собиқаш Искандар Сафарқулов ҳангоми сӯҳбат ба мо чунин нақл кард:

– Бо амаки Қурбонмурод Ҷумъақулов солҳои зиёд дар хочагии Дарбанд якҷоя кор кардем. Ин марди ботамкин хӯю хислати олие дошт. Ба ҳамкорон муомилаи хушаш писанд буд. Якеро додар, дигареро бародар меҳонд. Сари мӯйе ба касе бо овози дуруште муколама намекард. Аз ин хотир ҳама ба раҳматӣ эҳтироми баланд доштанд. Хушбахтона ҳамин хӯю хислаташ ба фарзандонаш Собир, Музаффар, Холиёр кӯчидааст. Қурбонмурод Ҷумъақулов ҳалолкорӣ ва заҳматписандиро мепарастид. Кӯшиш мекард, ки бо заҳмати ҳалол ризқу рӯзии хешро ба даст орад. То охири умраш аз заҳмати ҳалол даст накашид. Ӯ солҳои охир дар лаби сойи Занговот қариб як гектар замини партовро обод карда, гирди онро сангдевор бардошта, дар он кишту кор мекард. Аз ин замин ҳосили зиёде ба даст меовард. Ҳамин амали неки амаки Қурбонмуродро дигарон низ пайравӣ карданд.

Шахси дигаре, ки ҳамроҳи ин некном солҳои зиёд дар хочагӣ паҳлу ба паҳлу истода заҳмат кашидааст, муҳосиби ботаҷриба Раҳмат Юсуфов мебошад. Номбурда сухани хешро бо байти пандомезе оғоз намуд:

– Хоҳӣ, ки зӣ ҳеҷ кас ба ту бад нарасад,
Бадгӯю бадомӯзу бадандеш мабош.

Воқеан ин марди дарвештабиатро дар ҷавонӣ хӯю хислати баланди инсонӣ ёр гашта буд. Ман бо ӯ зиёда аз 25 сол якҷоя кор кардам. Дар ин давр на ба ман, на бо дигарон, дар иҷрои кор бо ҳамкорон сарбасар ё сухани пасту баланд гуфта бошад. Бо одамон муомилаи хушаш писанд меомад. Аз алфози ӯ боре гапи дуруште нашунидаам, дар ин солҳои ҳамкорӣ. Аз ин хотир ҳамаи фарзандони ин марди некхӯ мисли падари хеш хубхислатанд. Кору фаъолият ва хӯйи чунин мардони асил, ман гумон мекунам, ки барои ҳама аҳли деҳа намунаи ибрат аст. Ман аминам, ки фарзандони ин марди начиб хислатҳои ҳамидаи амаки Қурбонмуродро дар зиндагии хеш идома хоҳанд дод ва номи накӯяшро ҳамеша ба фарзандон ва наберагон талқин хоҳанд кард. Бесабаб бузургворе нагуфтааст:

Назди арбоби ҳунар мояи имон адаб аст,
Лоҷарам пешаи мардони сухандон адаб аст.
Одамизод, ки агар беадаб аст, одам нест,
Фарқи байни одаму ҳайвон адаб аст.

Н.РАҶАБ.

Вилояти СУРХОНДАРЁ.

МАНЗАРАҲОИ ҶОЛИБИ НОҲИЯИ МАРҲАМАТ САЙЁҲОНРО БА ВАҶД МЕОВАРАНД

Вилояти Андиҷон аз минтақаҳоест, ки дар соҳаи сайёҳӣ имкониятҳои бузург дорад. Бинобар ҳамин дар вилоят корҳои зиёд амалӣ мешаванд, онҳо имкон медиҳанд сафи сайёҳон афзояд.

Дар ноҳияи Марҳамат низ бинобар рушди соҳаи сайёҳӣ корҳои муайяне иҷро мешаванд. Агар шумо бинобар шоҳроҳи автомобилгарди Андиҷон – Марҳамат сафар кунед, дар Шаҳрихон шоҳиди манзараи ғароиб мегардед.

Дар доманакӯҳҳои ҳар ду ҷониби шоҳроҳ чойхонаҳои серсоя, ёдгориҳо ва хиргоҳҳоро мушоҳида мекунед, ки иқтидори сайёҳии минтақаро намоиш медиҳанд. Дар қисмати болоии доманакӯҳ шифохонаи «Марҳамат» ҷойгир шудааст, ки ба манзараи зебо ҳусни иловагӣ зам мекунад. Ҳоли ҳозир ноҳияи Марҳамат умуман 62 иншооти мероси фарҳангӣ – ёдгориҳои ҳафриётиву меъморӣ, муқаддасотро дар бар мегирад, қисмати зиёди ин зиёратгоҳҳо ба хатсайрҳои сайёҳӣ ворид карда шудаанд.

Бо мақсади ташкил кардан ва рушд додани сайёҳии дохилӣ дар ноҳия аз ҷониби бунёди ҷамъиятии «Мингтеппа» лоиҳаи сохтмони 15 иншооти начандон бузурги сайёҳӣ дар шафати роҳҳо андешида шудааст. То имрӯз 6-тои онҳо сохта ба истифода супурда шудаанд. Дар пояи лоиҳаҳои намунавии рушди инфрасохтори сайёҳӣ 9 адад нуқтаҳои нави санитариву гигиенӣ сохта шуданд, 8 адад нуқтаҳои мавҷуда аз таъмир баромаданд.

Дар маҳаллаи «Бозорбоши» бинобар самти сайёҳии этнографӣ кӯчаи «Рӯмолчилик» ташкил гардид. Ҳоли ҳозир дар иншооти сайёҳии ноҳия беш аз 2100 нафар машғуланд. Соли гузашта аз ҳисоби хидматрасонии саёҳати маҳаллӣ ва хориҷӣ ҳаҷми хидматрасонии сайёҳӣ дар ноҳия 1,5 баробар зиёд шуд. Маркази саёҳати экологии «Буюк маскан», ки арзиши умумиаш 30 миллиард сӯм мебошад, дар 8,5 гектар замини маҳаллаи «Ҳаққа»-и ноҳия сохта шуд, вай ҳар як сайёҳро мафтун карда метавонад. Марказ дар як вақт қодир аст ба беш аз ҳазор нафар хидмат расонад.

Иншооти миллии саёҳати этнографӣ, ки дар хонаи ҳунарманди машҳури сирк, дорбоз Юнусалӣ Ғозиев – маҳаллаи «Бобохуросон» воқеъ мебошад, низ аз ҷумлаи мавзеъҳои барои сайёҳон ҷолиб ба шумор меравад.

Ёдгории ҳафриётии Мингтеппа дар рушди сайёҳии ноҳияи Марҳамат нақши махсус мебозад.

– Дар ин ёдгории нодир таърихи куҳани мардуми мо инъикос ёфтааст, он нафақат ба сайёҳони маҳаллӣ, балки ба сайёҳони хориҷӣ низ таассуроти фаромӯшнопазир мегузорад, – гуфт роҳбари бунёди ҷамъиятии «Мингтеппа – мероси фарҳангӣ» Ортиқалӣ Ҳусанов.

– Вайронаҳои Мингтеппа дар бораи таърихи куҳани халқи мо маълумоти зиёд медиҳанд. Барои ҷалби бештари сайёҳон осорхонаи кушоди «Мингтеппа» ва китобхона ташкил гардидаанд. Ғайр аз ин дар қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 29 декабри соли 2018 «Дар бораи ҳифз кардан, омӯхтан ва истифодаи самарабахши иншооти мероси ҳафриётии «Мингтеппа»-и ноҳияи Марҳамати вилояти Андиҷон» ва «Харитаи амалиёт», ки мувофиқи ин қарор тасдиқ гардидааст, дар иншооти мазкур корҳои васеъмиқёс пешбинӣ шудаанд. Вале корҳои пешбинишуда бинобар пандемияи коронавирус сари вақт анҷом наёфтанд. То имрӯз амалисозии ин қарор аз эътибор соқит мондааст. Мувофиқи қарор барои сохтмони бинои Маркази ҳифз ва тадқиқи мероси ҳафриётии «Мингтеппа» 1,14 гектар ва бинобар ҳудуди ҳифзшаванда 2,4 гектар замин ҷудо карда шудааст. Сохтмон то имрӯз оғоз наёфтааст. Ғайр аз ин ҳуҷҷат як қатор вазифаҳо, аз ҷумла фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳону зоирон, ташкил кардани минтақаҳои замонавии истироҳатӣ дар хориҷи ҳудуди ҳифзшаванда бо нигоҳ доштани намуди таърихии он, мувофиқсозии роҳҳоеро, ки ба ёдгории ҳафриётии «Чингиртеппа» ва «Тоштеппа» мебаранд, пешбинӣ менамояд. Вале наметавон гуфт, ки иҷрои ин корҳо қаноатбахш мебошанд.

Дар ноҳияи Марҳамат даҳҳо мавзеъҳои зиёратӣ мавҷуданд, ки метавонанд бисёр сайёҳон ва зоиронро нафақат аз Андиҷон, балки аз минтақаҳои дигари мамлакат ва Ҷумҳурии Қирғизистони ҳамсоя ҷалб намоянд. Соли гузашта 115,2 ҳазор сайёҳону зоирон ба ин ҷо омаданд, соли равон афзудани миқдори онҳо пешбинӣ шудааст. Дар соли 2022 сохтмони як қатор меҳмонхонаҳо, меҳмонхонаҳои оилавӣ ва сароҳои меҳмонқабулкунӣ, ки дар як вақт тавонанд 160 нафарро гунҷонанд, ба нақша гирифта шудааст. Чунончи, дар маҳаллаи «Миришкор» меҳмонхонаи тарҳаш нодир барои 60 нафар бо арзиши умумии 3 миллиард сӯм сохта шуд. То охири сол нишонаҳои роҳ, ки ба ин иншооти зиёратӣ мебаранд, куллан устувор карда мешаванд. Ҳамчунин мақбараҳои Тӯрабобо, Мулло Тӯйчӣ, Оқтунли Ота ва Махдуми Восилӣ таъмир карда хоҳанд шуд.

Дар маҳалҳои зиёратии ноҳия минтақаҳои WI-FI сохта мешаванд. Аз ҳисоби татбиқ сохтани корҳои мазкур дар ноҳия соҳаи сайёҳӣ инкишоф ёфта, миқдори сайёҳон зиёд хоҳад шуд.

Фахриддин УБАЙДУЛЛОЕВ,
мухбири ӮзА.
Суратгир:
З. УМУРЗОҚОВ (ӮзА).

Инсон ва табиат

ФОҶИА ДАР МАМНӮЪГОҲ

Бо ташаббуси фаъолони ташкилоти ғайриҳукуматӣ ва ғайритиҷоратии назди рӯзномаи «Самаркандский вестник» дар шафати дарёи Зарафшон мамнӯъгоҳи миллӣ ташкил гардидааст, ки қариб 868 гектар майдони ҷангалзору тӯқайзорро дар бар мегирад. Дар қаламрави он манзараҳои гуногунро дидан мумкин аст, ки ҳар кадом як олами хоси набототу ҳайвонот доранд.

Шароити тӯқайзор барои зиндагии паррандагон ва оҳувони бухороӣ мусоидат мекунад.

Афсус, ки бо баъзе сабабҳои номаълум дар ин ҳудуд се маротиба сӯхтор ба амал омад. Дар натиҷа табиат хеле осеб дид

Ҷонсӯзи табиат, журналисти варзидаву бебок, ҷонишини сардабири рӯзномаи «Самаркандский вестник» Анастасия Павленко тавассути расонаҳои ахбор бонги изтироб зад, вале мутаассифона натиҷа қаноатбахш нест.

– Шояд мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» медонанд, ки дар мамнӯъгоҳи миллӣ намудҳои нодири набототу ҳайвонот, ки дар ҳолати нест шудан қарор доранд, ҳифз шуда, имконияти барқарор шудан ва ривоҷи наслашонро пайдо мекунанд, – гуфт роҳбарияти ҷамъияти «Самарқандро нигаҳ медорем» Анастасия Павленко. – Хеле хушоянд аст, ки доду фиғони моро дар Тошканд шуниданд ва дар лаби дарёи Зарафшон ва ноҳияи Ургут мамнӯъгоҳҳои миллӣ ташкил гардиданд.

Ҳозир дар мамнӯъгоҳи миллии Зарафшон 33 намуди набототу ҳайвонот, ки ба «Китоби сурх»-и ташкилоти байналхалқии ҳифзи табиат дохил шудааанду дар байни онҳо ду намуди оҳуи бухорӣ низ ҳаст, мавҷуданд.

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки соли гузашта як сар оҳуи бухорӣ аз ҷониби масъулони мамнӯъгоҳи миллии Зарафшон парронда шуд ва баъди талоши дӯстдорони табиат дар прокуратураи ноҳияи Ҷомбой, ки мамнӯъгоҳи мазкур дар қаламрави он ҷойгир мебошад, парвандаи ҷиноӣ кушоданду баъдан он бо сабабҳои номаълум қатъ гардид. Мо боз шикоят навиштем. Ин дафъа парвандаи кушта шудани оҳуи бухориро прокуратураи ноҳияи Тайлоқ боз кард.

– Анастасия Владимировна, ба фикри шумо, чаро бори савум мамнӯъгоҳи миллии Зарафшон оташ гирифт?!

– Аз бемасъулиятии одамони фориғбол ва албатта, аз фориғболии роҳбарони худписанду худсито. Мақсади онҳо бо ҳар роҳ обро лой карда моҳӣ гирифтан.

Миш-миши баъзе шахсони ҳолдон ба гӯши мо расидааст, ки гӯё каллаҷунбонҳои мамнӯъгоҳи миллӣ кӯшиш доранд, ки замини мамнуъгоҳро ношоям эълон карда, онро ба корчаллонҳо фурӯшанд.

Лекин онҳо ба мақсад намерасанд. Дӯстдорони табиат садди роҳ хоҳанд шуд.

Бояд таъкид кунем, ки чанде пеш Анастасия Павленко ҳамчун эҳёгари табиат ва журналисти соҳаи мазкур ба Гурҷистон сафар намуд ва бо як олам таассурот баргашт. Вай нақшаҳои чорабиниҳои ҳифзи табиатро андешида, ният дорад онро дар қаламрави Самарқанд ҷорӣ кунад.

Умедворем, ки фоҷиаи мамнӯъгоҳи миллии Зарафшон ба гӯши сарони идораи экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон расида, гунаҳкорон ҷазои муносиб мегиранд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Самарқанд.

Дар акс: *дар мамнӯъгоҳи миллии Зарафшон.*
Аксбардор:
А. ПАВЛЕНКО.

Машъалафрӯзони маориф

Ҳамин ки офтоби пагоҳӣ аз паси ағбаи Илонсой пайдо шуда акнун ба атроф доман паҳн мекард, хатмкунандагони мактаби рақами 19-уми деҳаи дурдасти Янгиҷой ба саҳни мактаб ҷамъ омаданд. Он рӯз бинои таълимгоҳ ва атрофи он намуди идона дошт. Дере нагузашта анҷумани бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваст. Сарвари таълимгоҳ қабл аз он, ки ба минбар баромада «паррончак»-ҳоро табрик гӯяд, беихтиёр оҳи бадарде кашид.

РОҲБАРИ ҲАҚТАЛАБ ВА АДОЛАТҶӮ

(Очерк)

Вуҷудашро ҳиссиёти ачибе фаро гирифта, гарчанд табассуми малеҳ дар чеҳрааш ҳувайдо шуд, аммо кадом як гӯшаи дилаш хира буд, ки ҳаққо ба тасвираш қалам очиз. Охир имрӯз шогирдонаш номаи камол гирифта бо мактаб падруд мегӯянд.

Директор дар тӯли солҳои таҳсил онҳоро фарзандвор дӯст медошту навозишомез «писарҷону духтарҷон» мегуфт, аз рафтору гуфторашон огоҳ буд, ки ба «характер»-и эшон нигоҳ карда гап мезад.

– Азизонам, боиси сарфарозӣ ва хушнудист, ки дар арафаи садо додани «занги охирин» Табрикоти сарвари давлатамон ба ҳамаи хатмкунандагони мактабҳо эълон гардид, – барафзуд Дилором Фарҳодовна, – Президенти мӯҳтарами мо масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи илму маърифат дониста, таъкид намуданд, ки бе маърифату бе дониши кофӣ ягон давлату мамлакат рушду тараққӣ нахоҳад кард. «Вақт рафт, нақд рафт» гуфтаанд бузургон. Ҷавонони мо, яъне шумоён, ки асосгузори Ӯзбекистони Нав ҳастед, барои донишомӯзӣ талош варзиданатон лозим. Фаромӯш накунед, ки дар пеш шуморо боз ҳам қуллаҳои баланд ва пурмасъулият интизор аст.

Сипас директор зери кафкӯбии ҳозирон ба ҳар як хатмкунанда номаи камол супурда, онҳоро модарвор ба оғӯш гирифт.

АНДЕШАҲО ДАР ТАНҲОӢ

Дилором Фарҳодовна баъди ба утоқи кориаш ворид шудан котиба қаҳва оварду наздаш гузошт. Вай аз он хушҳол буд, ки гарчанд таълимгоҳ аз маркази ноҳияи Самарқанд фарсаҳҳо дур ҷойгир аст, вале ҷамоаи омӯзгорон ва толибилмон маънавияти баланд дошта, ба қадри ҳам мактабу ҳам ҷадвали дарс мерасанд. Зеро ҳолати нохуши мактаби рақами 7-уми ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё ҳамаро ба ҳайрат гузошт. Хабари нохуши рӯзи «занги охирин» аз ҷадвали дарсро пора-пора кардани муаллимону ҷилди дафтару китобро бо по задани шогирдони таълимгоҳи мазкур аҳли маорифро ба нафрат кашид. Оё чунин шахсони аз маънавияту маърифат фарсаҳҳо дур метавонанд ба фарзандони халқ таълиму тарбия диҳанд?

Пас аз дар расонаҳои ахбор пайдо шудани рафтори кӯтоҳандешонаи омӯзгорони Қашқадарё ҷамоаи мактаби рақами 19-уми Янгиҷой ҷамъ омада, ҳамкасбони худро маҳкум намуданд. Охир шароити кор беҳтар гардад, маош сол то сол афзуда бошад, магар чунин рафтори ношоиста кӯрнамакӣ нест?! Чӣ ҷойи руст кардан аст, дар баъзе мактабҳо коррупсия ба тарзи туҳфагирӣ ҷараён гирифта, хонандагон бо ҳамин роҳ ба баҳои баланд соҳиб мешаванд. Аксарият муаллимон бидуни тайёрӣ ба дарс ворид шуда, ба ҷойи сабақ додан вақти хешро бо нақли саргузашт, воқеаҳои оилаи худ ва ҳатто ғайбати якдигар мегузаронанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

РОҲБАРИ ҲАҚТАЛАБ ВА АДОЛАТҶӮ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дилором Неъматова аз он хушҳол аст, ки шогирдони ӯ вақти холии худро бо корҳои деҳқонӣ, чорвопарварӣ, боғдорӣ гузаронида, бо меҳнати фоиданок қаринанд.

Воқеан, падари бузургвори ӯ Фарҳод Неъматов (илоҳо, ҷояш дар ҷаннат бошад!) то лаҳзаҳои вопасини умри хеш дар фермаи чорвопарварӣ ҳамчун байтор ва сипас мудир фаъолият бурд. Фарзандонашро меҳнатдӯсту китобхон карда таълиму тарбия дод. Шояд аз ҳамин сабаб духтараш Дилором ба адабиёт дил баст. Вай пас аз хатми мактаби миёна ба факултаи филологияи руси Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил шуд, ки маҳз солҳои таҳсил дар мактаби миёна бо талқини устодаш Алла Сорокина бо ҳавасу муҳаббати хосса асарҳои Александр Пушкин, Лев Толстой, Михаил Лермонтов, Иван Тургенев, Антон Чехов, Михаил Шолохов ва дигаронро пайваста хонд. Солҳои донишҷӯй дар мактаби олӣ аз устодони меҳрубонаш нозукиҳои забонро бештару хубтар фаҳмид. Дипломи донишгоҳро гирифту ба мактаби рақами 19 ба кор омад. Чанд муддат аз забони русӣ сабақ дод. Баробари фаъолияти педагогӣ дар корҳои ҷамъиятӣ фаъол иштирок кард. Шояд маҳз ғайрату шуҷоат, реҷаҳои начиби ӯ ба ҳисоб гирифта шуд, ки роҳбарияти ноҳия Д. Неъматоваро, пас аз ба нафақа рафтани директори мактаб, ҷонишини ӯ таъин кард.

– Ба шумо боварӣ доштем, ки фармони мо эълон шуд, – гуфт собиқ мудири таълими халқи ноҳия Комилҷон Тоҳиров, – умед аст, ки мактаб аз сафи пешқадамон ҷой хоҳад гирифт. Агар ягон хел муаммо пайдо шавад, мо дар хидмат.

Рости гап, ҳамон шаб Дилором аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар тоб меҳӯрду хобаш намебурд – вазифаи нав ором намегузошт.

Шавҳараш аз бедорхобӣ изтироб кашидани ҳамсарашро мушоҳидакунон дилсӯзона гуфт, ки «ҳой, очаҷони бачаҳо, ба ту директорӣ чӣ лозим-а. Магар чун дигарон шаш соат дарс дода, бо хотири ҷамъ, дили беғам хобидан нағз набуд?» «Шумо ачиб гапҳоро мегӯед, – лабханд зад Дилором, – мақсад аз зиндагӣ ба мардум ва ҷамъият хидмат кардан аст. Шахсан барои ман меҳнат – роҳат ва бахт, сонӣ, аз ҳаракат – баракат. Падарам мегуфтанд, ки рӯсурхии одам кор аст».

Рӯзи дигар сарвари нави таълимгоҳ ҷамоаи мактаб ва фаъолони маҳалларо ҷамъ карда машварат орост, ки «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» гуфтаанд. Дар ҷамъомад барои беҳдошти кори мактаб ҳар кӣ ҳар чӣ гуфт, Дилором ба дафтараш навишт. Қарор карда шуд, ки бинои нав лозим. Бо дастгирии ҳокимияти ноҳия, шуъбаи таълими халқ ва ҳомиёни савобталаб барои толибилмони мактаб на танҳо дар маҳаллаи Янгиҷой, инчунин гузарҳои Зафаробод, Наврӯз, Янгибоғ шуъбаҳои мактаби мазкур қад афрохтанд. Зеро фосилаҳои байни онҳо 3-4 километр буда, қитъаҳои боғу токзор, полизу обчакорӣ аз якдигар ҷудо мекард.

Бо ташаббуси директори нав дар минтақаи дурдасти ноҳия таълими интерактивӣ ба роҳ монда шуд.

Дилором Фарҳодовна ба китобхонии шогирдон низ аҳамият медиҳад. Китобхонаи мактаб 406 аъзо дорад, ки аз сарвари таълимгоҳ то хонандагони синфҳои ибтидоӣ аъзо ҳастанд. Омӯзгорон Заррина Баротова, Кимиё Муҳиддинова, Насиба Яхшибоева, толибилмон Чӯрабек Ҷалилов, Фариза Комилова, Саида Турсунова, Кубаро Баҳромова ва дигарон барои гузаронидани чорабиниҳои адабӣ саҳмгузоранд.

ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН

Суҳбати мо бо Дилором Неъматова ба қавле зуд қаймоқ баст. Ачибаш он буд, ки вай савол медоду мо ҷавоб медодем.

– Омадед, хуш омадед, – бо завқ хандида гуфт вай, – барои мактаб чӣ хидмат мекунед?

– Бо тавсияи мудири таълими халқи ноҳия тачрибаи пешқадами шуморо тавассути рӯзнома паҳн мекунем, ба ҳама ҳам чунин боварӣ, эҳтиром, бахт муяссар намешавад.

– Хеле олиҷаноб, – намуди ҷиддӣ гирифт мусоҳибамон, – чанде пеш барои хариди ранг чанд маҳзоаи шаҳру ноҳияро давр задем. Нархи наво дар ҳар кучо ҳар хел. Оё ин масъаларо ҳам ба рӯзнома навиштан мумкин нест?

Бояд гуфт, ки ҳангоми суҳбати озоду дилнишин ин роҳбари ҳақталаб ва адолатҷӯ бисёр муаммоҳоро ба миён гузошт, ки ҳар як журналист беихтиёр ба гирдоби андеша хоҳад афтод.

Дилором Неъматова ҳақ аст. Афсӯс, ки баъзе шахсон ба масҷидҳо хайру эҳсон мекунанду вале барои китобхонаи мактаб ба харидани як-ду дона асари бадеӣ гӯё «раги дасташон мекашад».

Албатта, бо ин зани дидадаро, дарёдил, ботамкину дурандеш, ки фикру ёдаш бо беҳдошти таълиму тарбия банд аст, соатҳои тӯлонӣ суҳбат кардан мумкин буд, вале «ба қадри вақт бояд расид» гуфта хайру хуш намудем. Аз он хушҳол шудем, ки дар гӯшаҳои дурдасти ноҳияҳо низ машъалафрӯзони маънавияту маърифат бисёранд. Мақсаду маромиро онҳо барои эҳёи Ӯзбекистони Нав бештару хубтар таълиму тарбия додани насли наврас аст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

(Эссе)

Дар мактаби деҳаи мо тибқи фармони мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия ҳатман бояд забони англисӣ омӯхта шавад. Директори мактаб вақтҳои дароз муаллими забони англисӣ мекофт, вале бенатиҷа. Мегӯянд, ки шахсони бомаълумоти забони англисӣ бо сабабҳои гуногун ба Англия ва Амрико мераванд ва аз он ҷо барнамегарданд. Оқибат интихоби директори мактаб ба ман афтид. Дар кучое шунидааст, ки ман бо забони англисӣ балад ҳастам ва аз ӯҳдаи ин кор мебароям. Ӯ маро ба наздаш ҷеғ зада, гуфт, ки шумо хеле вақт шудааст, ки бекоред, мо шуморо ба сифати муаллими забони англисӣ ба кор гирифтанием. Барои шумо як рӯз вақт медиҳам, баъд фикратонро ба мо гӯед. Баъди як рӯз наздаш ҳозир шудам ва гуфтам, ки ман шояд аз ӯҳдаи ин кор набароям, зеро равон ба англисӣ гап задан ва бехато навиштан наметавонам.

Директори мактаб чанд дақиқа таваққуф карда, баъд пурсид:

– Чанд калимаи англисиро медонед?

– Тақрибан 40-50 калима, – ҷавоб додам ман.

– Тарзи навиштани ҳарфҳои англисӣ (лотинӣ)-ро медонед? – пурсид ӯ. – Бале, метавонам ва хушхат ҳам ҳастам, – гуфтам.

– Садонокҳо ва ҳамсадоҳои англисиро талаффуз карда метавонед? – боз пурсид ӯ.

– Бале, хеле хуб талаффуз ҳам мекунам.

– Дар забони англисӣ баъзе калимаҳо дар навишт як, аммо дар талаффуз дигаранд, медонед? – пурсид ӯ.

– Бале, медонам.

– Масалан? – пурсид ӯ.

– Масалан, «пора» навишта мешавад, «хурдан» талаффуз мешавад, «сӯм» навишта мешавад, «доллар» талаффуз мешавад, «мошин» навишта мешавад, «шевролет» талаффуз мешавад ва ғайра, – ҷавоб додам ман.

Директори мактаб дар тааҷҷуб монда, пурсид: – Ягон сухани ҳикматомезро аз намояндагони фарҳанги англис медонед?

– Бале, хеле хуб ҳам медонам.

– Масалан? – пурсид ӯ.

– Масалан, «Одам ба одам гург аст» (Томас Гоббс), – ҷавоб додам ман.

– Ягон ҳикмати нармтар бошад, – пурсид ӯ.

– «Дуздӣ асоси тамаддуни иншониятро ташкил медиҳад, агар дуздӣ намешуд, қулфу калид дар Англия пайдо намешуд» (Бернард Шоу).

– Ягон ҳикмати оммавӣ, ки ба дилу ҷони мардум наздиктар бошад,– пурсид ӯ.

– Барои пул шуда ҷонатро қурбон кун! (Ч.Оруэл), – ҷавоб додам ман.

– Суханҳои Шекспир «Ҳастӣ ё Нестӣ»-ро чӣ хел тавзеҳ медиҳед? – пурсид ӯ.

– Модоме ки дар зиндаги фитнагарӣ, мардумфиребӣ, бесалоҳиятӣ абадулабад аст, агар аз ҳастии худ дифоъ карда натавонӣ, аз ҳастии худ даст каш, – ҷавоб додам ман.

Директори мактаб аз ҷо хеста, ду-се қадам ниҳоду баъд гуфт: – Ин ҳикматҳое, ки гуфтед, хеле ҳам капиталистӣ мебошанд, мо ҳанӯз ба капитализм нарасидаем, гуфтани ҳақиқатро ёд нагирифтаем, бинобар ин ин истифодаи онҳо дар байни хонандагони мактаб, илтимос мекунам, худдорӣ кунед.

Баъд директори мактаб қатъиян аз ман талаб кард, ки аз пагоҳ ба дарс додани забони англисӣ сар кунам.

Рӯзи дигар хонандагони синфи панҷум маро бо хурсандӣ истиқбол карданд ва ман дарси забони англисиро аз калимаҳое, ки медонистам, сар кардам. Дар муддати як моҳ ин калимаҳоро ба бачаҳо ёд додам ва бо ҳамин дониши забони англисиям қатъ гардид.

Директори мактаб маро дида, пурсид: – Дарси англисиатон хуб рафта истодааст?

– Ба назарам, бад не, ҳоло калимаҳои донистаам ба охир расид.

– Агар чунин бошад, дар кабинети забони тоҷикӣ боз бист калимаи дигари англисӣ овезонанд, то пайдо кардани китоби дарсӣ онҳоро ба талабагон омӯзед, – гуфт директори мактаб.

Ман ин бист калимаи дигари англисиро гирифтаму ногаҳон аз кадом кунҷи дилам садое ба гӯшам расид: «Бо кадом виҷдон ва салоҳият, бо донистани 40-50 калимаи англисӣ даъвои номи шарафи баланди муаллимӣ кунӣ!»

Дар рӯзи дигар, саҳари барвақт, ба номи директори мактаб «тибқи хоҳиши худам, маро аз кор озод кунед» ариза навиштаму аз кор рафтам, агарчи кори дигаре пайдо накарда будам.

Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,
ш.ТОШКАНД.

Хонед, аҷиб!

Китоби қиматтарин

Китоби қиматтарин дар дунё китоби Леонардо да-Винчи мебошад. Инҳо «Кодекси Лестер» ва «Корҳои об ва осмон дар рӯйи замин» аст, ки Билл Гейтс ба маблағи 24 миллион доллар харидааст.

Аввалин рустанӣ дар кайҳон кадом аст?

Баъди тадқиқоти зиёд аввалин рустание, ки ба коинот бурда шуд, ҷуворимакка буд. Тухми он соли 1946 бо мушаки V-2 ба фазо баромад. Парвариши рустаниҳо дар кайҳон на танҳо барои солимии ҷисмонӣ, балки равонии кайҳоннавардон ҳам хуб аст, зеро дар ҳолатҳои ногувор ҳассосиятро аз байн мебарад. То ҳол тибқи тадқиқот, дар хокҳои Моҳ ва Миррих 14 намуди рустанӣ меруяд. Олимон мегӯянд, ки парвариши рустаниҳо дар ин сайёраҳо дар оянда метавонад кайҳоннавардонро бо ғизои тару тоза ва оксиген таъмин намояд.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

«Асали бобо». *Сурат-лавҳаи* ***Рашид АЛӢ.***

ПАНДИ БУЗУРГОН

Касе, к-ӯ ба дониш
барад рӯзгор,
На ӯ боз монад, на омӯзгор.

***

Ҷаҳонро ба дониш
тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану
бофтан.
(Абӯшакури БАЛХӢ)

***

Шохи бемева кашад сар
ба қиём,
Шохи пурмева шавад хам
ба салом.
(Абдураҳмони ҶОМӢ)

***

Донӣ, ки сухандон кӣ бувад?
Он ки бидонад,
Бадро зи накӯ боз накӯро
зи накӯтар.
(Абдураҳмони ҶОМӢ)

***

Ҳам забонро фасоҳат аз
илм аст,
Ҳар баёнро малоҳат аз илм аст.
(Камолиддини БИНОӢ)

***

Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.
Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст.
Дар мавсими қудрати ҷавонӣ,
Накде ба каф ор, то тавонӣ.
(Бадриддини ҲИЛОЛӢ)

***

Ман ҳам аз касби илм
хурсандам,
Лек бо мақсадест пайвандам.
К-аз усули мадоричи ҳикмат,
Оламеро барорам аз ғафлат.
(Абдулқодири БЕДИЛ)

Мураттиб ***С. РӮЗИЕВА.***

ЗАБОНИ МОДАРӢ – НАХУСТИН УНСУРИ МАЪНАВИЯТ

Забон тарҷумони дил аст. Зеро афкору андеша ва мулоҳизаҳои инсон маҳз тавассути забон ошкор мегарданд. Муҳаббат нисбати забони модарӣ яке аз намоёнтарин эҳтиромии инсон аст. Шахсе, ки дорои чунин муҳаббат аст, нахуст фарҳангдӯсту хештаншинос мебошад ва он шахс, албатта, забон ва фарҳангу адабиёти халқҳои дигарро низ гиромӣ хоҳад дошт. Шахсе, ки аз ин хислати воло маҳрум аст, ҳаргиз соҳибмаърифату соҳибдил шуда наметавонад. Шукр, ки Худо, инчунин муҳаббату эҳтиромро дар табиат ба инсон додааст. Вале мутаассифона, баъзеҳо аз фарҳангу забони модарӣ ва ҳатто анъаноту расму оини ниёгон, гиромидошти забони модарӣ фарсаҳо дур афтодаанд ва бештар сериву сарвату дунёро афзал донистаанд. Дар ҳақиқат, забони модарӣ як сеҳри илоҳиро доро мебошад, ки бо шири модар дохил шуда, танҳо бо ҷон мебарояд. Касе, ки забони модариро фаромӯш кард, аз таърих, аз урфу одат ва анъанаҳои мардумии хеш рӯй мегардонад ва ояндаи инчунин инсон ҳаргиз дурахшон нахоҳад шуд. Шоирони бузург ба ин маънӣ фармудааанд:

Чӣ мардум, ки гӯё надорад
забон,
Чӣ ороста пайкаре беравон.
(Асадии ТӮСӢ)

Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.
(Лоиқ ШЕРАЛӢ)

Сухан ҷон асту ҷон доруи ҷон аст,
Магар чун ҷон азиз аз баҳри
он аст.
(Низомии ГАНҶАВӢ)

Ҳар кӣ худ аз ҳамзабонаш
шуд ҷудо,
Бенаво шуд, гарчи дорад
сад наво.
(Ҷалолуддини БАЛХӢ)

Яке аз имкониятҳои бузурге, ки барои халқи тоҷики Ӯзбекистон насиб гардид, ин дар Қонуни Асосӣ ба ҳамаи миллатҳое, ки дар қаламрави он сукунат доранд, додани ҳаққу ҳуқуқи омӯхтани забони модарӣ мебошад. Ин далолат аз он аст, ки дар мамлакатамон барои мукаммал омӯхтан ва рушду густариши забони тоҷикӣ шароити хуб фароҳам оварда шудааст. Ин иқдоми хучаста барои аз газанди ҳаводиси нохуши рӯзгор раҳоӣ додани забони миллии мо амри хайрест. Имрӯз ба ҳифз гардидани забони тоҷикӣ ҷониби ҳукумат сайъ ва кӯшиш барои беҳбудӣ ва инкишоф вучуд дорад. Қобили ёдоварӣ ин аст, ки дар замонҳои гузашта ҳам муҳаббат нисбати забони модарӣ вучуд доштааст.

Дар мобайнҳои қарни X дар оламе тамаддуни ҷавони қавиазм ва қавирӯҳе ба майдон омад, ки таврихи пурифтихори миҳани муқаддас ва қаҳрамонии устуравию таврихиро эҳё намуд ва пас аз ҷонбозиҳо, ба ҳадафи волояш бирасид ва дар радифи азизони Аҷам қарор гирифт. Ин ҷавонмард ситораи тобони олам, муаллифи «Шоҳнома»-и безавол Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ буд. Агар мо алҳол дурусттар ба олами забону адабиёти хеш бо чашми дил назар афканем, нахуст пай мебарем ва ҳатто ба хотир мерасад, ки алҳол дар ҳамон вазъияти маълуме, ки тайи зиёда аз дусад соли ҳукмронии арабҳо дар саросари сарзамини тоҷикон, манотиқи Мовароуннаҳру Хуросони кабир ба вучуд омада буд, гӯё қарор дорем. Алҳол, ин ҷо тафовутро фақат дар сохти иҷтимоии давлатдорӣ дидан мумкин аст. Фирдавсии бузург асари худро дар замоне навишт, ки пояҳои давлати бузург ва мутамарказ тоҷикон – Сомониён сут шудан дошт. Шоир як бахши ифтихороти тоисломии аҳвоми эронинажодро, ки қариб буд аз байн равад, аз нав эҳё намуд ва боз ба халқ баргардонд. Ба қадри «Шоҳнома» дар вақти зинда будани ҳамосапардози беназир нарасиданд. Танҳо баъд аз марги шоир ҳашамат ва Фирдавсӣ чун хуршеди ҷаҳонафрӯз ошкор гардид. Дар қарнҳои пасин «Шоҳнома» ба андозае шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард, ки ҳатто шеърсароёни маъруф ба Фирдавсӣ сари таъзим фуруд оварда, ҳуро ба ҳайси худованди сухан шинохтанд. Аз ҷумла, паямбари қасидагӯёни Аҷам Анварии Абевардӣ чунин фармудааст:

Офарин бар равони Фирдавсӣ,
Он ҳумоюннажоди фархунда.
Ӯ на устод буду мо шогирд,
Ӯ Худованд буду мо банда.

Забони модарӣ он гоҳ ба нуқтаи баланди рушду густариш мерасад, ки дар ҷамъият вазифаи худро ҳамаҷониба иҷро намояд, дар соҳаҳои асосии он – маориф, муассисаҳои томактабию миёна ва донишгоҳҳову донишкадаҳо илм, маданият, санъат ва дар бахшҳои зиёди хуҷҷатҳои коргузорӣ, маҷлисҳои хурду калон ва дар муомилаи муқаррарии мардум тамоми имкониятҳои худро комилан истифода бурда тавонад. Истифодаи забони модарӣ дар доираи оила низ набояд маҳдуд гардад. Агар омилҳои дар фавқ гуфта гузаштаи мо маҳдуд гардаанд, ин ҳолат нишонаи наздик расидани марги забон хоҳад буд. Аз ин рӯ, саъю кӯшиш мебояд кард, ки таълими забони модариро нахуст дар муассисаҳои томактабию миёна пурзӯртар ва пурсамартар намоем. Бо инчунин амалиёт ба муваффақияти назаррас ноил шудан мумкин аст. Яъне, мардум бояд донанд, ки забони модарӣ на танҳо дар оила ва мактаб, балки дар тамоми фаъолияти инсон хеле зарур аст.

Ба туфайли сиёсати оқилонаи роҳбари давлат дар ҳамаи муассисаҳои таълими кишвар ба таълими ҷавонон, рушди ақлии онҳо эътибори вижае дода мешавад, аз ҷумла, дар муассисаҳои таълими умумӣ ин ҷараён бо шиддат идома меёбад. Аз ин имконияти бамиёномада дуруст мебояд истифода бурд, яъне таваҷҷуҳ ва эътибори худро бештар ба пажӯҳиши забони модарӣ ҷалб намуд. Ин ҷо як чизи муҳимро ёдовар мебояд шуд, яъне забони модарӣ бо шири модар ҳазм мешавад ва аз ин хотир кӯдакистон нахустин ҳалқае дар таълими махсуси забони модарӣ шуда метавонад. Биноан, дар маҳалҳои тоҷикнишин ташкил намудани гуруҳҳои тоҷикӣ зарур аст, чунки кӯдак аз синни кӯдакистонӣ бояд аз доираи маҳдуди гуфтугӯи хонагӣ берун шавад ва зудтар ба олами бепоёни забони модарӣ қадам гузошта, камкам ба доираҳои рангомези он даст ёбад. Ман аз таҷрибаҳои зиндагии худ ба хулосае омадам, ки забони модариро мебояд як умр омӯхт ва барои чунин омӯзиш заминаи мувофиқ доштан низ лозим аст.

Забони модарӣ нахустин унсури маънавият аст. Ба ин муносибат нахуст ба сифати таълими забони модарӣ дар мактабу кӯдакистонҳои тоҷикӣ аҳамияти махсус мебояд дод. Дар ин маврид дарсҳои забон ва адабиёт бояд бо забони фасеҳи адабӣ гузаранд.

Умеда ШУКУРОВА,
муаллимаи мактаби рақами
9-уми ноҳияи Сариосиё.

Хонандагон бо кори муфид машғуланд

Таътили тобистонаи хонандагони мактабҳои таълими умумии ноҳияи Нурато бофароғат ва пурмазмун мегузарад.

Аз ҷумла, дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи “Корвони ҷавонон” дар минтақаҳои дурдасти ҷамоати шаҳрвандони “Сентоб” ва “Каттаэҷ” таҳти мавзӯи “Ҷавонони бомаъновият – истиқболи Ӯзбекистони Нав” чорабинии маънавию маърифатӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ ҷавонони эҷодкори мактабҳои тоҷикии рақами 21, 30, 38, 43, 49 бо озмуни суратҳои “Меҳри Ватан дар суратҳо” иштирок намуданд. Инчунин, аз ҷониби онҳо шеър, суруду таронаҳо иҷро карда шуданд.

Дар поёни чорабинӣ ба ҷавонони эҷодкор маҷмӯи китобҳо тақдим карда шуданд.

Ӯ. РАҲМОН,
хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».

Дар сурат: *лавҳа аз чорабинии маънавиву маърифатӣ.*
Суратгир: *муаллиф.*

«ДАР ТАЛАБИ ИЛМ КАМАР ЧУСТ КУН...»

На дониш бошад он касро,
на фарҳанг,
Ки вақти оштӣ пеш оварад
ҷанг.

Саъдии ШЕРОЗӢ.

Чун ту бо илм ошно гаштӣ,
Бигзарӣ з-об низ бе кишти.
Илмро дузд бурд натвонад,
Бо аҷал низ мурд натвонад.

Рукниддини АВҲАДӢ.

Бо илм ошно шаву аз об
бар сар ой,
К-аз об ба сар омадан
аз илмошност.

Камоли ХУҶАНДӢ.

Дар талаби илм камар
чуст кун,
Даст зи ашғоли дигар
суст кун.
Бо ту пас аз илм чӣ гӯям
сухун,
Илм чу ояд, ба ту гӯяд чӣ кун.

Абдураҳмони ҶОМӢ.

Таҳияи ***Б.ФАРИШТА.***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4716 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.